**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ оид ба диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидаҷлолович дар мавзуи «Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон» барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович **«Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон»** унвон дошта, ба таҳқиқи масъалаҳои сиёсӣ ва таърихии тағйир ёфтани афкори иҷтимоӣ, омилҳои маънавӣ ва фарҳангии таҳаввули афкори адабӣ, нақши Аҳмади Дониш ва осори ӯ дар тағйири ҷараёни адабӣ, зикри Аҳмади Дониш дар тазкираҳои нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва ашъори назмиву насрии адибони муосираш, Аҳмади Дониш дар ашъори шуарои муосираш, ҷанбаҳои назарии афкори адабии маорифпарварон ва ҷадидони Осиёи Миёна, ақидаҳои адабӣ – эстетикии Аҳмади Дониш, тарғиби илм ва мактабу маориф аз нигоҳи Тошхоҷаи Асирӣ ва ақидаҳои адабиву эстетикии Мирзо Сироҷи Ҳаким, Абдурраუфи Фитрат, Саидаҳмадхоҷа Сиддиқии Аҷзӣ бахшида шудааст.

Баррасӣ, таҳқиқи ақидаҳои адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон дар фазои умумии адабиётшиносии тоҷик аз солҳои 50-уми садаи XX оғоз ёфта бошад ҳам, вале он дар нимаи дуюми солҳои 60-70-уми садаи XX шакли фароху густурдаеро касб кардааст. Дар ин замина рисолаҳои Х. Шарифов, А. Сатторов, Р. Мусулмонқулов, ки ба масъалаҳои ташаккули адабиётшиносӣ ва назарияи он дар асрҳои X-XV, ақидаҳои адабии эстетикии намояндагони ин давра, паҳлуҳои гуногуни лафзу маънӣ дар шеър, пайдоиши улуми адабӣ, масъалаҳои эҷоди бадеӣ дар ашъори классикон, ақидаҳои адабиву эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ, поэтикаи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ дар асрҳои X-XV, нақду наққодӣ аз нуқтаи назари назариячиёни адабиёт ва амсоли инҳо бахшида шудаанд, иншо гардиданд.

Навгонии илмии диссертатсия, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки бори аввал дар адабиётшиносии тоҷик дар асоси таҳлили маводи муътамади мавҷуда, ақидаҳои адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон дар шакли монографӣ мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор гирифтаанд. Таҳқиқи мазкур кӯшиши нахустин дар мавриди таҳқиқи заминаҳо ва омилҳои пайдоиши ақидаҳои адабиву эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон маҳсуб меёбад.

Илова бар ин, дар диссертатсия баробари муайян ва баррасӣ намудани ақидаҳои адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон масъалаҳои шарҳу тавзеҳи маъноии мафҳумҳои маорифпарварӣ ва ҷадидия мавриди таҳлил қарор гирифта, нақши нашрияҳои даврӣ дар шинохт ва таблиғи ғояҳои ҷадидия барои рушди низоми маорифи аморати Бухоро, бедорӣ ва худшиносии миллӣ мушаххас карда шудааст, ки аз бозёфтҳои муҳимми диссертатсия ба шумор меравад.

Маводи диссертатсия ва хулосаҳои илмию пажуҳишии диссертантро метавон ҳангоми навиштани таърихи адабиёти муосири тоҷик, алалхусус адабиёти нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои садаи XX, нақши маорифпарварон ва ҷадидон дар инкишофу таҳаввули адабиёти ин асрҳо барои донишҷӯёну аспирантон, омӯзгорони ҷавон тавсия кард, ки аз манфиат холӣ нест.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмии анҷомёфта буда, дорои мазмун ва сохтори ягонаи илмию таҳқиқотист. Хулоса ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) адабӣ мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои диссертант дар 6 мақолае, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Мақолаҳои илмии нашршудаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Муҳокимаю баррасӣ ва хулосабарориҳои довталаб дар сатҳи баланди илмӣ қарор доранд. Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант илмӣ буда, ба талабот оид ба барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ, навгониҳои илмӣ, арзишҳои амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи **«Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон»** кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Абдураҳмонов Маъдӣ Саидҷалолович дар мавзуи **«Афкори адабию эстетикии маорифпарварон ва ҷадидон»** барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ,

нусхашиносӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021401 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Одинаев Нурмаҳмад Сафарович -** доктори илми филология, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;
- **Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович -** номзади илми филология, дотсенти кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии ДМТ.

Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

3. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Исрофилниё Ш. Р.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илми филология, узви
шурои диссертатсионӣ — Казакова У. С.

доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ — Муллоев А.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ — Мустафозода А.

«20» 06 соли 2023